# ТАҚРИЗИ РОҲБАРИ ИЛМӢ

номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистика Гулов Сангин Нурович ба диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар мавзуи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон”)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ)

Анҷум Маҳмуд Аҳмад соли 2015 зинаи бакалавр ва соли 2017 зинаи магистратураи факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси «Рӯзноманигори байналхалқӣ» хатм намудааст. Мавсуф баъди хатми магистратура таҳсилро дар зинаи докторантура (PhD) идома дода, онро соли 2020 хатм намудааст.

Дар муддати таҳсилу таҳқиқ Анҷум Маҳмуд Аҳмад худро ҳамчун мутахассиси донишманд, масъулиятноку бомаърифат дар соҳаи тадқиқи масъалаҳои вобаста ба рӯзноманигорӣ ва омӯзишу парвариш нишон додааст. Қобили тазаккур аст, ки кори диссертатсионии Анҷум Маҳмуд Аҳмад ҳанӯз аз солҳои нахусти фаъолияти таълимию илмиаш дар кафедраи журналистикаи байналхалқӣ зимни хондани маърузаҳои илмӣ ва ширкат дар маҳфилҳои илмӣ дар асоси мисолу намунаҳо сурат гирифта, баъдан заминаи тадқиқоти диссертатсионии ӯро ташкил кардаанд.

**Кори диссертатсионии Анҷум Маҳмуд Аҳмад** ба яке аз масъалаҳои мубрами рӯзноманигории муосир – фаъолияти воситаҳои ахбори оммаи байналхалқӣ бахшида шудааст.

**Муҳимияти мавзуи диссертатсия** вобаста ба он аст, ки диссертант бори аввал дар илми рӯзноманигории тоҷик фаъолият расонаҳои байналхалқиро дар мисоли ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон” таҳқиқу таҳлил карда, таъриху ташакул, мавқеи ин расона дар фазои иттилоотӣ, сиёсати редаксионӣ, махсусияти барномасозӣ ва сарчашмаи

иттилоотӣ барои дигар ВАО будани “Мавҷи Олмон”-ро нишон додааст. Чунин гузориши масъала дар худ аҳаммият ва арзишмандиро фаро гирифта, барои омӯзишу таҳлили баъзе масъалаҳои раванди таҳқиқи илмӣ ва амалии рӯзноманигорӣ мусоидат карда метавонад. Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Анҷум Маҳмуд Аҳмад ҳамчунин барои шинохти ҳадаф ва вазифаҳои фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ мусоидат карда метавонад.

Анҷум Маҳмуд Аҳмад зимни иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ аз худ қобилияту тавонмандии мустақилона пеш бурдани тадқиқот ва ҷустуҷӯҳои амиқи назариявию амалӣ нишон дода тавонист. Муҳаққиқ собит намуд, ки ӯ як тадқиқотгари мулоҳизакор буда, минбаъд метавонад ба тариқи мустақилона ва мушаххас ҳадафу вазифаҳоро муайян намуда, натиҷаҳои дастрасшударо амиқан ва бошуурона дарку фаҳм кунад, баррасӣ ва таҳлил намояд ва методҳои ба мақсад мувофиқро барои анҷом додани тадқиқот муайян созад. **Саҳми шахсии довталаби** дарёфти дараҷаи илмиро сатҳи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда, мустақил ифода шудани нуктаи назари ӯ ва маърузаҳояш дар конференсияҳо собит менамоянд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, шаш фасл ва хулосаву рӯйхати адабиёт таркиб ёфтааст. Муқаддимаи диссертатсия дар асоси талабот навиштаву иҷро шудааст. Диссертатсия аз ҷиҳати сохтор низоми муайяни илмӣ дошта, фаслу бобҳо зина ба зина мавзуъро фаро гирифта аз нигоҳи мазмун ва мантиқ ба якдигар алоқамандӣ доранд. Дар боби якуми диссертатсия “Омилҳои таъсиси расонаҳои байналмилалӣ” роҷеъ ба таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ, аз ҷумла таърихи таъсис ва фаъолияти ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон” маълумоти фаровон оварда шудааст. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки таърихи таъсиси расонаҳои байналмилалӣ ба фаъолияти аввалин агентиҳои иттилоотӣ вобаста мебошад. Дар боби дуюм “Расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии Осиёи Марказӣ” ба ҳадаф ва нақши расонаҳои байналмилалӣ дар фазои иттилоотии

кишварҳои Осиёи Марказӣ, фаъолияти расонаҳои байналмилалӣ дар Тоҷикистон равшанӣ андохта шудааст. Қайд гардидааст, ки ягон расонаи байналмилалӣ бидуни манфиат фаъолият намекунад ва ҳадаф тарғибу ташвиқи манфиату мавқеи кишваре мебошад. Дар боби сеюм “Вазифа ва ҳадафҳои барномаҳои ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон”” ҳадаф ва вазифаҳои барномасозии ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон” ва сарчашмаи маълумот барои расонаҳои дигар будани он таҳлилу таҳқиқ дода шудааст.

Баррасиҳои илмӣ-назариявӣ ва таҳлилии муҳаққиқ Анҷум Маҳмуд Аҳмад дар доираи рисолаи илмиаш зери унвони «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (*дар мисоли ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон”)*» дар **8 мақолаи илмии нашрнамудаи ӯ, аз ҷумла 3-то дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда** инъикос ёфтаанд. Муҳаққиқ дар якчанд конфронсҳои илмию амалӣ ва назариявии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз доираи мавзуи илмию таҳқиқотиаш маъруза намудааст.

**Муҳтавои диссертатсияи Анҷум Маҳмуд Аҳмад** бо номи мавзуъ ва соҳаҳои таҳқиқоти шиносномаи ихтисоси илмии 6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ мувофиқ аст.

Дар баробари анҷом додани кори илмию таҳқиқотиаш Анҷум Маҳмуд Аҳмад фаъолона ба тарғибу ташвиқи сиёсати бунёдкоронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул шуда, дар ҳаммуаллифӣ бо роҳбари илмӣ дар хориҷи кишвар бо забони англисӣ мақолаҳо нашр кард. Дар маҷмуъ, муҳаққиқ Анҷум Маҳмуд Аҳмадро метавон ҳамчун мутахассиси илмӣ – филологӣ (рӯзноманигорӣ) арзёбӣ ва тавсиф кард, ки метавонад мустақилона ҳалли супоришу вазифаҳои гузошташударо ӯҳда кунад. Гузашта аз ин, дар шахси Анҷум Маҳмуд Аҳмад мо нафареро дармеёбем, ки таҳсилу таҳқиқ ва зиндагиаш дар Ватани мо – Тоҷикистон дар камолоти маънавиаш нақши созгоре гузошт ва ӯро ҳамчун як шаҳрванди хориҷии дӯстдори Тоҷикистон ва мардуми мо тарбияву ташаккул дод.

**Хулоса,** таҳқиқи диссертатсионии Анҷум Маҳмуд Аҳмадро бо номи «Осиёи Марказӣ дар оинаи расонаҳои байналмилалии аврупоӣ (дар мисоли ширкати радио ва телевизиони “Мавҷи Олмон”)» ба тариқи мусбат ва ҳамчун кори пурра анҷомёфта арзёбӣ намуда, онро барои баррасӣ дар зинаҳои баъдӣ ва дифоъ ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D051600 – Рӯзноманигории байналхалқӣ (6D051601 – Рӯзноманигории байналхалқӣ) тавсия менамоям.

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи телевизион ва
радиошунавонии факултети журналистикаи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гулов С. Н.

**Нишонӣ:** 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи
Насимов, бинои 64/10, хуҷраи 209.
Телефон: [+992] 935676035
E-mail: gulsang@mail.ru

Имзои Гулов Сангин Нуровичро тасдиқ менамоям:
сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э. Ш.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тамос: (+992 37) 2216225; Факс: 2271510.
**E-mail.** info@tnu.tj
20-уми сентябри соли 2025.